# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**
**ба Шарипова Фотима Абдуфаттоевна**

**протоколи №15 аз 16.02.2024**

Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзуи "Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 21 ноябри соли 2023, протоколи №33, аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (воқеъ дар суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Мавзуи кори диссертатсионии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна таҳти унвони "Такмили тайёрии донишҷӯёни равияи физикаю математика ба фаъолияти ҷорӣ кардани алоқамандии байни фанҳо дар шароити гузариш ба таълими кредитӣ" ба дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров тасдиқ шудааст. (Протоколи № 11 аз 12. 03. 2011с). Бо қарори Шурои олимони донишгоҳ №8 аз 27 январи соли 2023 бинобар тағйир ёфтани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ба унвони мавзуи рисолаи номзадӣ тағйирот ворид карда шуд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» аз 31.03.2023 сол таҳти №8 муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Файзиев Исматилло Давлатович. Баъди вафоти Файзиев И.Д. (бо

иҷозати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 06/670 аз санаи 20.11.2023) роҳбари (мушовири) илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович таъин гардидааст.

**Муқарризони расмӣ**:

**Нугмонов Мансур** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"

**Азимова Назира Самадовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва табиатшиносии муосири МДТ "Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон"

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математикаи олӣ ва физика, дотсент Раҳимов Амон Акпарович таҳия шудааст ва аз тарафи Директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд - номзади илмҳои техникӣ, дотсент Саъдуллозода Ш.С. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки тадқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ Шарипова Ф.А., ки ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи математикаро тавассути ҳамбастагии фанҳо баррасӣ намудааст, ҷанбаҳои назариявии омӯзиши моҳияти ин масъаларо тавсиф мекунад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда тавассути саволнома ҷузъҳои асосии ташаккули бомуваффақияти салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳлил карда шудаанд. Дар рисола кӯшиши ҷустуҷӯи шароитҳо ва технологияи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути робитаҳои ҳамгироӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ ва дар ҷараёни гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ - педагогӣ мусоидат мекунад, пешниҳод шудааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯ дар атрофи мавзуи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 28 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи "Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)" тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Баҳрулло Файзалӣ, дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи дуюм аз ҷониби номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исроил Маҳмад Саидзода пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ арзёбӣ шудааст, вале муқарриз ду эрод дорад:

1. Дар рисолаи диссертатсионӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.
2. Хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия ягон усули нави худро ҷиҳати такмилдиҳии донишҳои математикӣ ва физикии хонандагон пешниҳод менамуд.

Тақризи сеюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Амрохон Мирзоевич Хоҷаев пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Рафиев Сафархон Аюбович дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” аз 11 декабри соли 2023, протоколи №35 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Мундариҷа ва сохтори ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо муайян карда шуданд;
2. Ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо муайян шуданд;
3. Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо падид оварда шуда татбиқ карда шуданд;
4. Муносибатҳои асосии дидактикии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо муайян карда шуданд;
5. Технологияи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва озмуда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешавад:

-дар дақиқу мушаххас намудани моҳияти ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ҳамчун ҷузъи салоҳияти педагогӣ.

-дар танзими тасаввурот дар бораи муносибатҳои мухталиф нисбати мундариҷаи мафҳуми салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика (дониш дар бахши дидактика, усулҳои таълими фан, ҷузъҳои таркибӣ, робитаи мутақобила бо салоҳиятҳои калидӣ).

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- технологияи салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ворид карда шуд;

- равишҳои методӣ оид ба салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва татбиқ карда шуд;

- дастурамали методӣ оид ба салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва нашр шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,** ки дар раванди кори таҳқиқотӣ ба даст оварда шудаанд, бо истифода аз пойгоҳи васеи методологӣ, корҳои гуногуни илмӣ оид ба муаммои баррасишаванда, ки ҷамъбаст ва таҳлил карда шудаанд, дар ҳама ҷанбаҳои он баррасӣ карда мешаванд.

Корбурди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки арзёбии объективии сатҳи рушди салоҳиятнокии касбии иштирокдорони таҳқиқоти озмоишӣ, инчунин амалан вуҷуд надоштани ихтилофоти усулӣ байни хулосаҳои мо ва натиҷаҳо ва андешаҳои назариявии дигар муҳаққиқоне, ки ин муаммои мазкурро

меомӯзанд, сатҳи зарурии эътимоднокии таҳқиқотро таъмин мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** дар таҳлили маълумоти осори илми педагогика, масъалагузорӣ ва ҳалли мушкилоти таҳқиқот, омода кардан ва гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ дар шароити ташхисгоҳи донишгоҳ, таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда, тарҳрезӣ ва муаррифии муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои рисола ифода шудааст.

Аз чиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 10 нафар
муқобили додани дараҷаи илмӣ нест
бюллетенҳои беэътибор нест

## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна**

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 16 феврали соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна** дар мавзӯи "Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), хулосаи роҳбари (мушовири) илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович; хулосаи ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ «Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» аз 31.03.2023с., №8; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ " Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд", муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна** доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи "Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)" кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро ("тарафдор" 10 нафар , "зид"- нест, "бюллетенҳои бекоршуда"- нест), диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи "Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), ба талаботи бандҳои Низомнома «Дар бораи тартиби додани дараҷаи илмӣ»-и Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Шарипова Фотима Абдуфаттоевна

дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои дисертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ»-и Низомномаи дар бораи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Азизов А.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент — Абдуллоева М.А.

16.02.2024 с.